# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Ёрматов Алишер Ҷолматович дар мавзуи **“Таҳқиқи технологияи педагогикаи ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти асосӣ бо оила дар тарбияи худшиносӣ”**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст.

Мавзӯи таҳқиқотии интихобнамудаи Ёрматов Алишер Ҷолматович бе шак муҳим ва мубрам буда, ба яке аз масъалаҳои муҳимми ҷомеаи муосир–омода ва ба воя расонидани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ ба тарбияи худшиносӣ, худогоҳи ва хештаншиносии миллӣ бахшида шудааст. Дар рӯҳияи хештаншиносӣ тарбия намудану ба воя расонидани мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ масъалаи серпаҳлую мураккаб буда, он роҳу воситаҳои гуногун ва корбарии дуру дарозро тақозо дорад. Дар рӯҳияи хештаншиносӣ тарбия намудани наврасон аз давраҳои гузаштаи дури ниёгонамон манша мегирад. Ҳанӯз аз давраҳои хеле кӯҳан мутафаккирон, донишмандону адибон ва педагогҳои тоҷику форс (ҳарчанд истилоҳи мушаххаси «педагог» ба маънои томи кунунӣ маъруфият надошт), ба масъалаи тарбияи наслҳои наврас диққат дода, таҷриба, маҳорат, дониш ва осори гаронбаҳои худро сарфи ин намуди тарбия намудаанд. Таърихи зиёда аз ҳазорсолаи адабиёт, тамаддун ва педагогикаи тоҷик тавонист, ки аз қаъри ин асрҳо беҳтарин хислат ва рафтору одоби ба инсони комил мансубу мутааллиқро тавассути мероси оламшумули фарзандони бофарҳанги хеш ба ҷаҳониён муаррифӣ намояд.

Аз рӯзи соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат Президенти муаззам муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи тарбияи ҳаматарафаи наслҳои наврасу ҷавонон дар рӯҳияи худшиносию худогоҳии миллӣ диққати ҷиддӣ дода, масъалаи мазкурро яке аз омилҳои асосии рушди кишвар донистаанд ва тарбияи солимро маҳаки муҳимму асосии ҷомеаи тозабунёдамон шуморидаанд: «Ҷавҳари худшиносии миллӣ аз дӯст доштани Ватан, модар, забон, таърих ва арзишҳои таърихиву фарҳангӣ сарчашма гирифта, ба ташаккули шахсияти дорои ҷаҳонбинии солиму пешрафта боис мегардад».

Масъалаҳои таълиму тарбияи насли наврас дар рӯҳияи худшиносию худогоҳӣ аз ҷумлаи мушкилотҳое мебошанд, ки таваҷҷуҳи тамоми мақомотҳои давлатӣ, муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва аҳли ҷомеаро ба худ чалб кардаанд.

Бинобар ин, муаллифи рисолаи илмӣ хеле баҷо таъкид кардааст, ки тавассути тарбияи хештаншиносӣ ва худогоҳии миллии шаҳрванд бояд мутааллиқи миллат, давлати соҳибистиқлол, соҳиби Ватан ва ҳуқуқу озодиҳо будани худро дарк кунад ва онҳоро эҳтиром намояд, донад ки вазифаҳои ӯ дар назди давлат, ҷамъият ва оила аз чӣ иборат аст, ва бахри иҷрои онҳо ҷидду ҷаҳд намояд. Манфиатҳои худро бо манфиати давлат, ҷомеа ва оила пайваста тавонад. Шаҳрванд бояд қадру қимати худро донад ва онро ҳимоя намояд. Аз миллат, таърих ва фарҳанги он бохабар бошад ва онҳоро гиромӣ донад. Худогоҳӣ аз бедории миллии шаҳрванд ба миён меояд ва ӯро ба сӯи ифтихори миллӣ ҳидоят менамояд ӯро барои хизмат кардан ба Ватан ва миллат сафарбар мекунад, ба райъи ӯ ғизои ахлоқию маънавӣ ворид месозад. Шаҳрванди хештаншинос ва худогоҳ истиқлолияти давлатии кишвари хешро чун гавҳараки чашм ҳимоя мекунад ва дар ҷодаи ғанӣ гардидани боигарии моддию маънавӣ ва фарҳангии миллат саҳм мегузорад, ифодагари манфиатҳои миллат мебошад. Вобаста ба андешаву мулоҳизаҳои иброзшуда ба сифати рисолаи илмӣ интихоб намудани мавзӯи “**Таҳқиқи технологияи педагогикаи ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти асосӣ бо оила дар тарбияи худшиносӣ**” Ёрматов Алишер Ҷолматович бамаврид ва саривақтӣ маҳсуб ёфта, мубрамии таҳқиқи мавзӯи диссертатсияи муҳаққикро бозгӯ мекунад. Дар баробари ин бояд таъкид кунем, ки коркарди ҳамчунин як мавзуи илмӣ бевосита ба амалишавии талаботи асосии Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаматарафа мусоидат хоҳад кард.

Довталаб хеле нишонрас фарзияи таҳқиқоти хешро муайян карда, дуруст таъкид кардааст, ки омоданамоӣ ва дар рӯҳияи хешташиносӣ тарбия намудани мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ бо талаботи замони муосир, тадбиқи Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон корбандӣ намудани мурочиатҳои хирадмандонаи доимии Сарвари давлат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон асоснок мешавад ва омӯзиши таърихи гузашта, тамаддун, адабиёт, санъат, расму оинҳои миллии ниёгон ва муосири мо барои боз ҳам аз наздик бештару васеътар ошно гардидан ба боигарии маънавӣ, ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, бахусус, хештаншиносию худогоҳии миллӣ имконият фаровон меорад. Ҳамчунин накш ва мавқеи хешташиносӣ дар ташаккули сифатҳои ахлоқии мактаббачагон арзёбӣ мегардад, ҳамзамон ба наслҳои оянда, махсусан, ба насли наврас ба мерос мондани рафтору одоб ва хислатҳои неки инсонӣ корбандӣ гардида, раванди таълим ва тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти асосӣ шавқовару ҷолиб гузаронида мешавад.

Дар рӯҳияи хешташиносӣ тарбия намудани мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ тавассути шароит ва имконияти зарурӣ барои омодасозии босифати мактаббачагон ҳамчун шахсияти ҳақиқатанҳам ташаккулёфта ва дорои боигарии ғании ба мерос гирифтаи таърихию адабӣ ва ахлоқӣ имконпазир мегардонад. Бояд таъкид кард, к фарзияҳои манзуркардаи муаллифи диссертатсия дар таҳқиқоти диссертатсионӣ тасдиқи бевоситаи худро ёфтаанд.

**Навгониҳои илмии аз таҳқиқот** бадастовардаи мо он аст, ки рисолаи мазкур нахустин тадқиқоти алоҳида доир ба тарбияи худшиносии мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ мебошад. Муаллиф дар он бори аввал дар таърихи педагогикаи халқи тоҷик ақидаҳои педагогии беҳтарин намояндагони класикии тоҷику форс ва муосирро таҳлил намуда, ба ҷиҳати тарбиявии ақидаҳои онҳо диққати махсус дода, мақолаю дастурҳои методии таҳияшуда барои тарбияи худшиносии мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ, худшиносӣ, инчунин, баланд бардоштани сифату самаранокии он мусоидат мекунад.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои таҳияи ҷанбаҳои педагогии омодасозии омодагии мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ тавассути тарбияи худшиносӣ истифода шаванд.

Бояд таъкид сохт, ки мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ, сарфи назар аз он ки дар илми педагогикаи тоҷик мавзӯи ба таври мукаммал таҳқиқу омӯхта нашуда мебошад, аз ҷониби унвонҷӯй ба қадри кофӣ мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор гирифтааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот** дар он аст, ки натиҷаи бадастомадаи таҳқиқот ва тавсияҳои методии он дар амалияи корҳои таълимӣ – тарбиявии ҳама намудҳои мактабҳо, курсҳои баланд бардоштани ихтисоси муаллимони ҷумҳурӣ, машғулияти назарию амалӣ аз курси махсуси педагогикаи миллӣ ва таърихи он амалӣ ва татбиқ шудаанд.

Истифодаи дастур ва тавсияҳои методии таҳияшуда барои такмил додани омодагии мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ вобаста ба худшиносӣ, инчунин, барои баланд бардоштани сифати тарбия дар рӯҳияи худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ тарбия намудани онҳо кумак мерасонад.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои таҳияи ҷанбаҳои педагогии омодасозии мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ тавассути тарбияи худшиносӣ истифода шаванд.

Маводи таҳқиқот барои мутахассисони соҳаи педагогика, равоншиносӣ, филологияи тоҷик арзишманд буда, метавонад дар омӯзиши муаллимони оянда дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ ва донишкадаи

такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, инчунин, барои омӯзгорон–таҷрибаомӯзони муассисаҳои таҳсилоти асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон корбаст шавад.

Натиҷаҳои рисолаи илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодшударо барои донишомӯзи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, коллеҷу литсейҳо, баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии падарону модарон вобаста ба масъалаи таълим ва тарбияи худшиносӣ, худогоҳӣ ва хештаншиносии миллӣ, дар донишкадаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, дар таҳсилоти баъдидипломии хатмкунандагони донишгоҳу донишкадаҳо, унвонҷӯёну аспирантон ва дигар кормандони соҳаи илм, ки ба ин мавзӯъ сарукор доранд, метавонанд дар мавридҳои зарурӣ мариди корбурд қарор диҳанд.

Диссертатсияи мазкур дорои таҳлилҳои назариявию методологии ғанӣ буда, мафҳумҳои калидӣ аз ҷиҳати равонӣ-педагогӣ хеле муфассал таҳлил карда шудаанд.

Мақсад, вазифа, фарзия ва муқаррароти диссертатсия татбиқ ва иҷро гардидаанд. Натиҷаи таҳқиқот фарзияи пешниҳодгардидаро тасдиқ намудааст.

Қобили қайд аст, ки муаллиф дар анҷом додани таҳқиқоти диссертатсионӣ заҳмати зиёд кашидааст, микдори зиёди адабиёт, аз он ҷумла таҳқиқоти олимони муосири тоҷику хориҷиро мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода, таҳлил намудааст.

Бо вуҷуди ин, диссертатсия аз камбудиҳо орӣ набуда, ислоҳи онҳо арзиши илмии диссертатсияро афзун хоҳад намуд, аз ҷумла:

1. Дар боби аввали зербоби сеюми рисолаи диссертатсионӣ иқтибосҳо кам ба назар мерасанд.

2. Бояд таъкид кард, ки муаллифи таҳқиқот шароитҳои педагогии баланд бардоштани самаранокии омодагии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ ба тарбияи худшиносӣ мушаххасу муфассал шарҳу тафсил дода, дар баробари ин бо роҳу усул ва воситаҳои ҳамкории муассисаи таълимӣ, оила ва ҷамъият барои беҳтар сохтани вазъи таълиму тарбияи хонандагон муйаян карда, пешниҳодҳои судман намудааст, аммо дар бораи технологияҳои педагогӣ камтар таваҷҷуҳ кардааст;

3. Дар матни диссертатсия ва автореферат ғалатҳои мантиқӣ, грамматкӣ ва имлоӣ роҳ ёфтаанд, ки ислоҳ бояд кард. Ҳамзамон бояд таъкид кард, ки ин камбудиҳо ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши милливу амалии диссертасияро коста намегардонанд.

## Хулоса

Диссертатсияи Ёрматов Алишер Ҷолматович кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи нисбатан хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шудаанд.

Рисола бо миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисолҳо ҷадвал ва диаграммаҳо таъмин аст.

Диссертатсия фаҳмо, бо лаҳни равони тоҷикӣ, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳ баровардa шудааст.

Автореферат ба мундариҷаи асосии диссертатсия мувофиқ аст.

Муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар рафти таҳқиқот оид ба масъалаи тарбияи худшиносии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ маълумоти нав ба даст овардааст.

Дар охири рисола самтҳои ояндаи таҳқиқот муайян карда шудаст. Диссетатсия ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ буда, муаллифи он Ёрматов Алишер Ҷолматович ба дарёфти дараҷаи илмии номзадӣ илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01–Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ, номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи педагогика ва психологияи
Донишгоҳи давлатии Данғара Ғафурова Д.Ҷ.

29.08.2022.

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735140 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
н. Данғара, куч. Марказӣ 34/2;
Тел. (+992 934 33 76 76) dilorom.gafurova.76 @mail-ru.

Имзои Ғафурова Д.Ҷ.-ро тасдиқ мекунам.
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус дар
Донишгоҳи давлатии Данғара Ҷаббори Н.Ҷ.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА ШУЪБАИ КАДРҲО